«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и. дотсент
_____________Асрорзода У.С.
«___»_____________ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждание; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии миллӣ «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, ки муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ метавонанд саҳми

назаррасро гузорад. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии мавзуи мазкур дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар он дониста мешавад, ки дар ҷаҳони муосир тағйироти босуръати муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва кафолати ҳуқуқӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва муомилоти моливу пулӣ дар як давлат маҳдуд нагардида, эҳтиёҷ ба танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дорад, зеро, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо мазмуну муҳтавои худ ин муносибатҳои байналмилалии хусусиро дар табиати ҳуқуқии худ қабул дорад.

Зарурати баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, пеш аз ҳама бо таҳаввулоти моҳияти назариявию амалии он вобаста ба табиати ҳуқуқии масъалаи баррасишаванда дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ боқи монда, дар муомилоти маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва танзими муносибатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва таъмини устувории онҳо нақши муҳимро дорад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмӣ нахустин таҳқиқоти муназзам ва ҳамаҷонибаи низоми ҳуқуқи миллӣ ва қонунгузорӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мадании давлатҳои иштирокчии ИДМ, омӯзиши илмӣ ва амалии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ, пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ тибқи қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ пешбинишуда ба шумор меравад.

Диссертант ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назарас гузоранд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд, аз ҷумла:

1) Пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сарзамини тоҷикон дар марҳилаҳои гуногуни таърих мавриди омӯзишу хулосабарорӣ қарор дода шуданд;

2) Коркарди мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мафҳуми нави ҳуқуқ маврди баррасӣ қарор дода, пешниҳод карда шудаст;

3) Хусусиятҳои ҳуқуқии таносуби ҳуқуқ – ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ ва нақши онҳо дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муайян гардидаанд;

4) Таносуби ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи табиати ҳуқуқии ҳар яке аз онҳо ҳангоми танзими муносибатҳои байналмилалӣ ошкор карда шудаанд;

5) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, татбиқи илмӣ ва амалии онҳо муайян карда шудаанд;

6) Бо мақсади танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ оид ба рушди минбаъдаи қонунгузории кишвар пешниҳодҳо ба тасвиб расиданд.

Муаллиф мафҳум ва ақидаҳоро дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ коркард намуда, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди танзими муносибатҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ҳалли баҳсҳои хусусияти байналмилалӣ-хусусӣ доштаро илман асоснок намудааст.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш гардидааст, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот далолат медиҳанд, ки баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳои ҳуқуқтатбиккунанда назаррас мебошанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ оварда шудаст, мисол дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Точкистон моддаи 1306 бо чунин мазмун ишора менамояд: «ҳуқуқи ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё дорои унсурҳои хориҷии дигар татбиқшаванда дар асоси ҳамин Кодекс, санадҳои қонунгузории дигар, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳро эътироф намудааст ва одатҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад». Мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Кодекси маданӣ ба мазмуни маҳдуд оварда шудаст, яъне дигар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз доираи танзими ҳуқуқ дур мемонад, ба монанди муносибатҳои оила ва никоҳ, меҳнатӣ, сайёҳӣ,

таъминоти ичтимой, сармоягузорӣ дар бахши хусусӣ, фаъолияти иқтисоди хоричӣ, интиқоли бор, бағоч ва мусофир ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва заминӣ, баҳсҳо дар судҳои ҳакамӣ ва арбитражи байналмилалӣ ва дигар ичроишу супоришҳои судӣ ва ғайра аз танзими ҳуқуқии он берун мондааст (саҳ. 60-61).

Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба низоми ҳуқуқии мураккаб ишора мекунад, ки ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиавӣ ва ғ.. дар танҳои муносибатҳои байналмилалии хусусиро бо пурраги фаро гирифта наметавонад, зеро талаботи ҳуқуқии инсоният дар рӯйи замин тақозои онро дорад. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз нигоҳи моҳият бо вазъи сиёсию иқтисодӣ, ичтимоию фарҳангии давлат вобаста аст ва аз нигоҳи навъ ё табиат ба ҳуқуқи хусусӣ шомил асту дорои сарчашмаҳои хос мебошад, ки онро набояд ба ҳуқуқи маданӣ ё ҳуқуқи оилавӣ ва ё ба ҳуқуқи меҳнатӣ ва на ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ шомил намудаанд иштибоҳ аст, он соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мебошад (саҳ. 71).

Дар умум метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дарачаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Нашри натичаҳои диссертатсия дар мачаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи рисола, мафҳум ва моҳияти он дар 3 воситаҳои таълимӣ, 9 мақолаи илмӣ инъикос гардидааст, ки 7-тои онҳо дар мачаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон тавсиядодашуда ва 2-тои он бошад дар дигар нашрияҳо ба табъ расидааст. Бояд қайд кард, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дарадачои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дар таҳқиқот дарҷ ёфтаанд.

Хаҷми диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф тибқи талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:**

1. Аз ҷониби диссертант дар натиҷаи таҳқиқи муқарраротҳои умумии Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда мешавад, ки дар моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми расмӣ ва умумии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва муқаррароти дигари муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мушоҳида мегардад, ки он дар мазмуну мафҳуми муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз ҷиҳати интихоб меъёри ҳуқуқ намебошад, ироа гардидааст. Ба андешаи мо хулосаи мазкур баҳснок мебошад, зеро омезиши меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва меъёрҳои байналмилалие, ки дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи мадании давлат ташаккул ёфта, баъдан мавриди иҷозат қарор дода мешаванд, ба табиати ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун маҳаки асосӣ ё ин ки сарчашмаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ берун аз иродаи давлат ҳамчун интихоби ҳуқуқ иштибоҳ аст. Гуфта метавонем, ки ҳангоми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тарафҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба миён омода бошад, дар ин ҳолат заруряти интихоби меъёри ҳуқуқ дида намешавад, мисол оварда метавонем, ки тарафҳо дар шартнома меъёреро интихоб карда бошанд. Дар ин ҳолат меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар мӯқаррароти моддаи 1306 Кодекси маданӣ табиати ҳуқуқии ҳуқуқи миллиро дар худ муқаррар намудаст, ки дар маврид маврид ҳамкориҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар

сатҳи байналмилалии субъектони хусусӣ дар як низоми ҳуқуқи миллӣ маҳдуд гардида, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи давлат танзим мегарданд, ки ҳуқуқҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ эҳтиёҷ ба интихоби меъёрҳои ,муқаррар намуда давлат надоранд. Аз ин рӯ, ин масъалаи мазкур асоснокии иловагиро талаб менамояд.

2. Муаллиф дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия муқаррароти моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 167 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, пешниҳод намудаст, ки муқарраротҳои мазкур мазмуну моҳияти соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро фарро намегиранд ва ин масъалаи мазкур ниёз ба такмили илмӣ ва амалӣ дорад. Ба андешаи мо ҳолати мазкур то ба охир асоснок карда нашудааст.

3. Диссертант дар раванди таҳқиқоти илмӣ пешниҳод менамояд, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқи иборат аст, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, робиттаҳои иқтисоди хориҷӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, соҳибкорӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, сармоягузори дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, иҷрои супоришҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва дигар масъалаҳое, ки қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ ташкил мекунад, танзим менамояд (саҳ. 49-71).

Гуфта ба маврид аст, ки гарчанде ғояҳои асоснокии илмӣ оид ба масоили танзими соҳаи мустақили ҳуқуқ мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, аз ҷониби мафҳуми пешниҳод гардида, ба соҳаи комплексии ҳуқуқ ишора мекунад. Бо назардошти гуфтаҳои боло аз диссертант пурсида мешавад, ки дар мавриди ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта шавад.

Андешаҳое, ки қайд гардидаанд, дар умум, ҳангоми баҳодии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле

муҳим буда, мурракаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиётҳои соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудаст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шуданд, мақолаҳои илмӣ ва маърузҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 14 нафар: Тарафдор – 14 нафар, муқобил –

бетараф нест. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №5 аз 20-уми марти соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ф.М. Нодиров – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 18 нафар: тарафдор – 18 нафар, муқобил – бетараф нест. Суратҷаласаи ғайринавбатии кафедра таҳти №8/1 аз 27-уми марти соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А.

**Ташхисгар:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нодиров Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафаров И.Д.

«Имзои У.А. Меликов, Ф.М. Нодиров ва
И.Д. Сафаровро тасдиқ мекунам”:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел: (+ 992 37) 234-88-02, (+ 992 37) 234-88-24
Почтаи электронӣ info@iutet.tj